ИБРОҲИМҶОН ДӮСТАЛИЗОДА

МУСИҚИИ НАФАС



Душанбе – 2017

ББК 84.6 (2тоҷик)

И- 45

Муҳаррир

Давлати Раҳмониён

Иброҳимҷон Дӯстализода
МУСИҚИИ НАФАС. Бо иловаҳо ва таҳрири нав,
– Душанбе, «Балоғат», 2017, 40 с.

© Иброҳимҷон Д. 2017.

БО ОРЗУИ КАМОЛ

Ин дувумин дафтари шеъри Иброҳимҷон Дӯстализода, хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст ,ки ба дасти хонанда мерасад. Албатта ҳамаи ашъори ин дафтар нав нестанд ва бахше ҳам аз дафтари якум «Дуруд фардо» мебошанд. Аммо дафтари шеъри «Дуруд фардо» бо ташаббуси худи муаллиф ва пайвандонаш бо шуморагони маҳдуде чоп шуда ва имрӯз ҳам камтар касе онро дар даст дорад. Бино бар ин чопи дубораи баъзе аз шеърҳо ҳеҷ айбе надорад.

Ашъори Иброҳимҷони Дӯстализода содаву равону самимӣ буда дунёи хоси маънавии сароянда дар тору пуди он ошкор аст. Ин дунёи маънавӣ хоси инсонест, ки ба оламу одам, падидаҳо ва зуҳуроти ҳастӣ бо нигоҳи эътимоду умед ва аз зовияи ормонгароёна менигарад. Чизеро ё касеро агар васф мекунад он авсоф бо партаве аз қалби поки сароишгар фурӯғ мегирад. Шоир мехоҳад дунёи перомунаш беолоишу рангин ва бо маншаъи хайру некии безаволи эзадӣ пайваста бошад. Ин шоири ҷавон коидахои суннатӣ ва усулии назмро аз худ карда ва дар навиштаҳояш ғалатҳои фаннӣ аз кабили сактаи вазн ва нуқси қофия камтар ба назар мерасад.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки шоири ҷавон дорои

меҳвари эътиқодӣ, суботи ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии равшану солим аст, ки ин маъноҳо аз муҳтавои якояки ашъораш пайдост.Ҳамин чизҳост, ки шеъри ӯро аз ҷавҳари мурод ва ҳадаф бархурдор менамояд.Ҳатман дар ҳар сурудааш ҳадафи равшану мушаххасе мавҷуд аст.

Дар поён барои ин шоири ҷавон, вале дорои азми қавӣ ва нигоҳи жарфу ҷиддӣ ба зиндагӣ ва адабиёт барори бештари эчодӣ ва камоли ҳунар мехоҳем чун гуфтааст:

Камоли мо зи истиқлоли тоҷик,
Зи файзу нусрату иқболи тоҷик.
Намоям шукри сулҳи кишвари худ,
Ба ҳар гулхандаи атфоли тоҷик.

Рустам Ваҳҳобзода
Роҳбари маҳфили адабии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон



ТАВЛИДИ СУБҲ

(шеърҳо)

ЭҶОД

Шоиро,
Кӯзагари шеър,
Дуруд!
Ту нафасҳоро шӯй,
Ҳаваси моро ҷӯй,
Ва зи хоку гили ишқу ҳавасу зебоӣ
Кӯзаи шеър бисоз,
Аз сари меҳр бисоз,
Ки, дар он кӯза шавад шарбати маънӣ
бигирифт
Ва аз он кӯза шавад оби вафоро нӯшид
Ва дар он кӯза шавад дастагули ишқ нишонд.

ДАР САРИ ГАҲВОРАИ ТИФЛ

Замоне модару момои ман ҳам,
Маро дар гоҳвора баста буданд.
Барои он ки ман роҳат бихобам,
Ҳама шаб то саҳар биншаста буданд.

Ба дастони навозишкор модар,
Сарамро сила мекарду намехуфт,
Зи ширинии овозаш ба гӯшам,
Асал мерехт вақте алла мегуфт.

Зи пистонаш ба комам шир мерехт,
Ки шири мом беҳ з-оби ҳаёт аст.
Сафедияш раҳи испеди умрам,
Шакартаъмиш аз талхӣ наҷот аст.

Чи хушбахтист, ҳоло модари ман,
Туро ҳам андар он гаҳвора бандад.
Дуоят мекунад аз қалби покаш,
«Илоҳо бахту иқболат бихандад».

Ба зери болиши ту бурдаи нон
Ба ёдам кӯдакиямро расонад.
Китоби ояҳоро гӯё модар
Ба умеде ба болинам бимонад.

Бидонад модари рамзошноям
Китоби сураҳоро рамзи дониш,
Бимонад, баъд аз он гӯяд, ки: «Ё Раб,
Расонӣ то ба пириҳо ҷавониш!»

Ман он як бурдаи нони ҷавиро,
Гирифтам рамзи ризқу рӯзгорам.
Ҷаҳонеро даруни кулбаи ту,
Бидидам, модари омӯзгорам!

Равон гаштам ба пои хеш акнун,
Бидидам гармию сардии дунё.
Надорад ҳеҷ кас чун модари ман,
Ду чашми меҳрбору қалби дарё…

Бихоб эй ҷони ман, эй кош, эй кош
Бигардад сӯи тифлӣ чархи тақдир
Чу ту ман кӯдаки гаҳвора бошам
Намоям гӯш панди модари пир.

1.09.2012

ОХИРИН ШОМИ ФАСЛИ ДАЙ

Зи пушти пардаи саҳар
Садои ёр мерасад,
Баҳори интизори мо
Ба ин диёр мерасад.

Баҳори ишқу орзу,
Баҳори пайки рангу бӯ.
Биё, биё, азизи ман,
Ба базми соқию сабӯ.

Бубин, ки васл мешавад,
Ниҳоли мову ҳамнафас.
Бубин ба кӯҳсори ишқ,
Ҳазори раста аз қафас.

Ҳазори ишқу орзу,
Баҳори тозарангу бӯ.
Ки ҳамчу нолаҳои най,
Баромад аз гулӯи дай.

ТАВЛИДИ СУБҲ

Эй шаб,
Эй модари рӯсиёҳи бетолеъ,
Эй тозашаҳиди шиддати дард,
Рафтӣ сари хишт, лек тифлат
Рӯи сияҳат сафед хоҳад кард.

ЗИНДАГӢ ШИРИН АСТ

Охирин фалсафаи ҳастии инсон ин аст,
Ки муҳаббат дин аст

(Гулрухсор)

Охирин оҳи ҷавонмарг ин аст,
Ки аҷал гулчин аст

Охирин замзамаи соқаи бебарг ин аст,
Фасли гул поин аст.

Охирин ҳарфи лаби шабнами гулбарг ин аст,
Осмон бадкин аст.

АСРОРИ ҶАВОНӢ

Рӯдворона зиндагонӣ кун,
Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун.

(Мирзо Турсунзода)

Ҳоло, ки ҷавонам ман,
Дунёи маро дарёб.
Аз дафтари шеъри худ
Хонам ба ту шеъри ноб.

Дар айни ҷавониям
Дамсози дилам мебош,
То рӯзи видоъи мо
Ҳамрози дилам мебош.

Айёми баҳори ман
Ту ёри канорам бош,
Дар фасли хазони ман
Ту пайки баҳорам бош.

Гулпӯш кун оғӯшам,
Эй дастагули зебо
Ай зеби канори ман,
Аз хеш маро оро!

Ман – ташнаи меҳратро,
Аз бӯса намо шодоб.
Боз о, ки занам худро
Бар ҷӯши дили Варзоб

Дар роҳи ҳаёти худ
Пуршӯр равон бошам.
Чун мавҷи дили Варзоб
Эй кош, ҷавон бошам

Ҳоло биравам, пурсам,
Асрори ҷавониҳош,
Аз рози дили ҷӯшон,
Аз шӯру шару савдош:

– Бо ин ҳама солорӣ
Бошӣ ҳама дам шӯхоб
Айёми ҷавоният
Чун мегузарад, Варзоб?

– Ман пири ҷавониям,
Не ғам ба сару не хоб
Хоҳӣ, ки ҷавон бошӣ,
Амвоҷи маро дарёб!

21.03.2011

ҚАТРАҲОИ СИРИШК

Ба ёди устод Ҷӯрахон Бақозода

Устоди азизи мо, аз дори фано рафтӣ,
Афзуда ғами моро дур аз бари мо рафтӣ
Бо қалби дусадпора зикри ту ҳамегӯям,
Аз зоди Бақо будӣ, бар мулки бақо рафтӣ.

****

Олими озодарӯҳи мо зи дунё пок рафт,
Дур аз макру риё монанди рӯъё пок рафт.
Ростиро пеша бинмуду ба мо омӯхт илм,
Оқибат бо қалби покаш сӯи қалби хок рафт.

****

Ӯ бирафту ғам ба қалби мо ниҳод,
«Чашми худ барбасту чашми мо кушод[1]»
Ғам ба пушти дар ниҳоду шод рафт,
Нома бурду хомаро бар мо бидод.

[1] Моли Муҳаммадиқболи Лоҳурӣ

ДАРСИ ЗИНДАГӢ

Омӯхтам ғамҳои ту,
Донои илми ғам шудам.
Барфи сари кӯҳе будам,
Аз тоби рӯят кам шудам.

Аз бори заҳматҳои ту
Чун шохаи сархам шудам,
Аз дарду аз ғамҳои ту
Ду дидаи пурнам шудам.

Буду набудам ишқи ту,
Бо ёди ту гаштам хазон.
Додӣ ту дарси зиндагӣ,
Ман бехабар аз ину он.

Эй, нозанини дилситон,
Маъвои ту дар қалбу ҷон.
Устоди ишқу орзу,
Ту зинда бошӣ ҷовидон.

САВҒО

Ба Гулрухсори Сафӣ

Аз пушти тирезаҳои шеърат
Асрори ҷаҳони роз бинам
Дар олами бефанои шеърат
Сад рози нуҳуфта боз бинам.

Эй шоири ҷовидонаи мо,
Эй лоиқи сад таронаи мо.

Шеъри ту чароғи хонаи мо
Эй соҳири хуштаронаи мо.

Аз чашмаи Яхч кӯзаи об
Ин «Дафтари ишқу ашқу ханда[2]»
Бар ташналабони шеър орам,
Бар деҳаи хеш Варзиканда.

ХАЙРБОДИ ТИРАМОҲ

Варақҳои шаҳодатномаи зардат,
Ба зери по парешонанд,
Дарахтон лолу ҳайронанд
Барои хайрбоди ту
Саропо дастафшонанду урёнанд.
Баробар бо сиришки абр мегирянд,
Баробар бо садои бод меноланд,
Ту мемирӣ магар ай фасли хайранбор?
Ту мемирӣ магар, эй фасли шӯҳратёр?

БА ИФТИХОРОИ 20 СОЛАГИИ ИҶИЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Дар касри Арбоби Хуҷанд
Як кафтаре тавлид шуд
К-имрӯз баъди бист сол
Он рӯз моро ид шуд

[2] Ишора ба девони шоира

Ду боли ту боли сафост
Эй, кафтари сулҳи ватан
Парвоз кун мисли ҳумо
Тори сари ин анҷуман.

АКСИ НУР

Саҳар булбул ҷаҳонро пурсадо кард,
Маро аз бистари хобам ҷудо кард.
Бидидам рӯи баргу навдаи бед
Шуои зарҳалини нури хуршед,
Ба ёдам нури меҳри ёр омад,
К-аз он бар қалби ман анвор омад.

АЁ МОДАР
Марсияи Ибодати Ёр ба модараш

Чароғи хонадони додари ман,
Ту будӣ соябоне бар сари ман.
Аё эй қуввати болу пари ман,
Куҷоӣ меҳрубонам, модари ман?

Ғаматро дидаам, лаб во накардам,
Сиришкамро ба кас ифшо накардам.
Зи ҳар кунҷу канори деҳаи хеш,
Туро ҷустам вале пайдо накардам.

ЧУҒЗИ ТАНҲОЙ

Ёр рафту кулбаам вайрона шуд,
Муддате ман зору танҳо менишастам
Чуғзи танҳоӣ маро ҳамхона шуд,
Аз алам паймонаҳоро мешикастам.

Боз шуд дарвозаҳою ёрро дидам,
Лаҳзаи дидор, дида хуб шодӣ мекунад,
Чуғзи танҳоӣ миёни хонаам
Бо алам ҷон меканад.

МОДАРИ МАН

Модари ман ҳамчу нур аст,
Ҳамчу нури офтоби беғуруб
К-аз фурӯғаш қалбҳо равшан шавад
Чун дамиданҳои субҳ

Модари ман моҳтоб аст
К-аз тулуъаш шоми мо равшан шавад
Зери нураш раҳсипорам сӯи дуриҳои дур

Модари ман нохудо аст,
Нохудои киштии рӯди ҳаёт
Мебарад моро ба соҳилҳои гулпӯши мурод.

Модари ман боғбон аст,
Боғбони навниҳоли одамӣ
К-аз азал бо панҷаҳои меҳрбахш
Менамояд навниҳолонро дарахт.

МОДАРИ УММЕДВОР

Бо умеди меваҳои шаҳдбор
Дар гулистони ҳаётам интизор,
Бин дарахтатро, ки боровар шудаст
Ком ширин кун зи шеъри хушгувор.





НАФАСИ ТАНҲОЙ

(Ғазал)

БЕ ТУ ЧУН ТАВОНАМ ЗИСТ?

Эй гули чаманоро, бе ту чун тавонам зист?
Пайки олами фардо, бе ту чун тавонам зист?
Ёри аввалини ман, ҳамраҳи қарини ман
Эй ту маънии дунё, бе ту чун тавонам зист?
Бе ту зиндагии ман мисли рӯди бемаҷрост
Эй ду соҳили дарё, бе ту чун тавонам зист?
Бо ту мурғи озодам, бе ту қуи зиндонӣ,
Эй фазои бепаҳно, бе ту чун тавонам зист?
Бе ғами ту мемирам, бе ту ман нафасгирам
Эй ҳавои рӯҳафзо, бе ту чун тавонам зист?

10.02.2012

МУКОЛАМАИ ШУБОБ

Гуфтам ҷавониямро: «меоӣ ё наоӣ?»
Аз дур як садо шуд – овои бесадоӣ:
« – Вақте ки бо ту будам, зебоиям надидӣ,
Акнун ки меравам ман, дар кӯи ман гадоӣ
Ман меравам зи умрат, айёми пирӣ ояд
Бо ман намо видоъу бо пирӣ ошноӣ
Ин аст расми дунё, асрори будани мо
Ҳайфо, ки ту пас аз ман, бенуру бе сафоӣ
Баъди хазону сармо фасли баҳор ояд
Бар ман шудаст фармон, «ҳаргиз дигар наоӣ».

ЯК БОР НАЗДИ МО БИЁ

Аз ман бирафтӣ, ёри ҷон, як бор назди мо биё,
Зеботарин зеби ҷаҳон, як бор назди мо биё.
Айёми пуршӯри шубоб бигзашту буд монанди хоб,
Имрӯз дар айни хазон якбор назди мо биё.
Пастию боло зиндагӣ, оҳи дили мо зиндагӣ,
Гоҳе чунин, гоҳе чунон, як бор назди мо биё.
Бигзашт айёми фароғ, рӯзе аҷал ояд суроғ,
Дар бистари таслими ҷон як бор назди мо биё.

КУҶО МЕРАВӢ?

Ай гули бехор, куҷо меравӣ?
Моҳи шаби тор, куҷо меравӣ?
Ёр, марав аз ману аз ман шунав
Оҳи дили зор, куҷо меравӣ?
Раҳм намо, ҷон диҳам аз дарди ишқ,
Доруи бемор, куҷо меравӣ?
Ташнаҷигар сӯхтам аз ишқи ту
Обаки анҳор, куҷо меравӣ?
Меравад айёми ҷавонию ман
Хастаю абгор, куҷо меравӣ?
Куртачакан гулрухи гулпӯши ман,
Зеби чаманзор, куҷо меравӣ?
Шеъри тару манбаи илҳоми ман
Маънии ашъор, куҷо меравӣ?

АФСОНАИ ИШҚ

Ҳар шаб таронаи худ то бомдод гӯям,
Афсонаҳои ишқам бар гӯши бод гӯям.
Аз баҳри роҳати ту як қиссаи дарозе
Мисли «Ҳазору як шаб» аз Шаҳрзод гӯям.
Бар рӯй дафтари худ бинвишта шеърҳоям,
Ҳар байти шеъри худро ман аз ниҳод гӯям.
Имшаб ба ёди рӯят шеъру тарона хонам
Фардо, ки рафтӣ аз ман, сад вою дод гӯям
Ин аст расми дунё, асрори будани мо
Боз, о, ки ин суханро аз Дӯстзод гӯям

БЕ «КОД»

Бо туям хонаи дил обод аст,
Мурғи дил аз қафасаш озод аст.
Бе ту дил дар қафас асту ҷонам
«Парри коҳе, ки ба дасти бод аст[3]»
Ҳамнафас будану бо ҳам будан
Одату анъанаи аҷдод аст
Баъди дидори ту шоир гаштам,
Гарчи ин пешаи модарзод аст.
Рӯ ба рӯ оям агар дар кӯча,
Гӯямат: дил зи висолат шод аст
Гар ту дорӣ ҳаваси бикшодан,
Қулфи дарвозаи дил бе «код» аст.

[3] Маънӣ аз Қайсари Аминпур

ВАРЗИКАНДА

Ёд орам Варзиканди покро,
Сойи Баққо, теғаи Кунҷокро.
Мӯсафедони бануру хушсухан,
Мардуми қишлоқии бебокро.
Ҳар куҷое меравам бо худ барам
Меваҳои себу ноку токро
Боз оям бар замини кӯчакат
Мекашам бар дидаҳоям хокро
Ҳастии ту ин заминро зеб дод
Ҳамчунон маҳ хонаи афлокро
Ҳар куҷое меравам, дар қалби худ
Мебарам ман Варзиканди покро.

10.03.2012

БЕ ТАМАННО НЕСТЕМ

Дар чаман мо булбулово нестем,
Дар гулистон ғунчаи во нестем.
Дар бари ёрон дар ин шоми сиёҳ
Мо мисоли моҳ пайдо нестем.
Пок бошад ҷовидонӣ ишқи мо,
Бе муҳаббат то ба фардо нестем.
Рӯзи сармо гармбахши якдигар,
Соябон дар фасли ҷавзо нестем
Меҳр мехоҳад ҷаҳони ошиқӣ
Мову ту дар ишқ шайдо нестем
Ишқ дарёи хурӯшон асту мо
Ошнои мавҷи дарё нестем.
Пургуноҳему зи даргоҳи Худо
Бе умеду бе тамано нестем.

ТАНҲО ТУӢ

Моҳӣ ману дарё туӣ
Дарё ману маҷро туӣ.
Дар боби ишқу ошиқӣ,
Маҷнунаму Лайло туӣ.
Рӯшангари зулмоти ман,
Ай ахтари шабҳо, туӣ
Баҳри ҳаёту зиндагӣ
Як маънии зебо туӣ
Дар байни сад дилдодагон
Якто ману якто туӣ
Шӯридаю шӯридадил
Танҳо ману танҳо туӣ.

НАФАСИ ТАНҲОӢ

Аввалин оҳи фироқам нафаси танҳоӣ
Бе ту гулзор бароям қафаси танҳоӣ
Ҳарфи танҳоии ман гӯш кунад танҳоӣ,
Ҳарфи ман нашнавад ӯ дар ҳаваси танҳоӣ
Оҳ, аз ишқи туву дарди ҷудоӣ, ҳама умр
Даст бар сар задаам чун магаси танҳоӣ
Ман ки танҳояму ҷон медиҳам аз танҳоӣ
Доди моро бишунав, додраси танҳоӣ.
Оҳ, шӯридаи танҳо ту куҷо дар ба дарӣ,
Ёри танҳобудагон ҳаст Каси Танҳое.

20.03.2012

ТАНГНО

Садои мо дар ин сахро нагунҷад,
Ҷаҳони мо дар ин паҳно нагунҷад.

Ба чашми рӯз нури моҳи шабрав,
Ба шаб хуршеди нурафзо нагунҷад.
Навои мурғи илҳоми дили мо
Ба гӯши ёри бепарво нагунҷад.
Намегунҷад даруни шиша оташ,
Равонам дар тани танҳо нагунҷад.
Ба дунёи фиребу бевафоӣ
Чу ман як ошиқи шайдо нагунҷад.

ЗИНДААМ

Ман ҳанӯз андар ҳавои ишқи ҷонон зиндаам,
Орзуҳо дар дилу уммед бар ҷон зиндаам
Гарчи дунё бевафо асту равад сӯи фано
Шукри Ҳақ мегӯяму шеъру ғазалхон зиндаам.
Дида ожанги ҷабини мӯсафедони банур
Дарк кардам дар ҷаҳон дурӯза меҳмон зиндаам
Ман ба монанди ту ай, Иброҳими шӯридадил,
Дар миёни дӯстони беҳтар аз ҷон зиндаам.

МАЪНОНИГОР

Зан гулу зеби баҳори зиндагист,
Зан наво дар чангу тори зиндагист.
Рангу бӯе нест бе зан дар чаман,
Зан гулу себаргазори зиндагист.
Як нишоне нест бе зан дар ҳаёт,
Зан ҳамоно чашмасори зиндагист.
Маъние бе зан надорад рӯзгор,
Зан гули маънонигори зиндагист.

САВДОИ ЗИСТАН

То бори тан кашад ҷон, мо зиндагӣ намоем,
Аз ҷабри ёр сарсон, мо зиндагӣ намоем.
То з-осмони қисмат борони умр резад,
Гулшеър то кунад ҷон, мо зиндагӣ намоем.
То санги соҳили дил аз меҳр мешавад тар,
То ҷунбише кунад он, мо зиндагӣ намоем.

ХАЙРБОДИ МУҲОҶИР

Биё, ки ман зи Ватан меравам, Худо ҳофиз,
Зи боғи сарву суман меравам, Худо ҳофиз.
Бурун зи хоки Ватан зиндагӣ фано бошад,
Чу ҷон зи қолаби тан меравам Худо ҳофиз.
Дилам чу булбули аз гул ҷудо чи нолон аст,
Хумориям зи чаман меравам, Худо ҳофиз.
Барои бурдаи нону барои рӯзи мабод,
Ба кӯлбор кафан меравам, Худо ҳофиз.

ЧАШМОНИ ТУ

Ҷони ман, бе сурма он чашмони ту зеботаранд,
Аз сукути шоирон чашмони ту гӯётаранд.
Роҳ ҷустам, то даруни қасри чашмонат равам,
Лашкари мижгони ту аз сад –дусад болотаранд.
Нури чашмони ту, ҷонам шамъи рӯи мизи ман.
Бо нигоҳи офтобӣ шеърҳо хонотаранд.
Ин ҳама бурҳони он шуд, эй азизи шӯхчашм,
Чашмҳои шӯхи ту аз шоирон донотаранд.



ДАРЁИ ХАЁЛ

(рубоӣ ва дубайтӣ)

Меравад имрӯз, фардо мерасад,
Аз самои ғайб ово мерасад.
Оҳ, бар қасди мабодоҳои мо,
Боз он рӯзи мабодо мерасад.
****

Бо шодию ғусса зиндагонӣ гузарад,
Айёми баҳору бехазонӣ гузарад.
То чашм кушода рӯи дунё бинем,
Афсӯс, ки лаҳзаи ҷавонӣ гузарад.
****

Қурбони ду рухсораи моҳат бошам,
Мафтуни ду чашмони сиёҳат бошам.
Дил дар кафи дасти хунчакон чун Данко,
Дар тирашабон чароғи роҳат бошам.
****

Ашки ғами ман ба ҳар қадам мерезад,
Аз дида ба сӯзу бо алам мерезад.
Аз қалби дусадпора ба рӯи дафтар,
Хуни дилам аз раги қалам мерезад
****

Имрӯз гузашту рӯзгорам гузарад,
Солу маҳи умри беқарорам гузарад.
Чун пораи абри даргузар бигриста,
Аз пуштаи зиндагӣ баҳорам гузарад.
****

Аё, эй ёри ман, маҳпораи ман,
Сабабгори дили овораи ман.
Агар оҳе кашам аз қалби пурғам,
Зи ғам пур мешавад сайёраи ман.
****

Туро ман мешиносам аз нигоҳат,
Зи чашмони дурахшони чу моҳат.
Зи борони фироқу сардии ғам ,
Биё, ки чатри оғӯшам паноҳат.
****

Дар ҳар шаби бехоб туро меҷӯям,
Бо ашки чу селоб туро меҷӯям.
Дар хеш фурӯ рафта ба дарёи хаёл,
Ай гавҳари ноёб, туро меҷӯям.
****

Дари зиндони ишқатро кушо, ёр,
Ки бинам офтоби манзаратро
Шамида мушки атри гесувонат,
Чашам бо бӯса таъми пайкаратро.
****

Чу даҳри бекарон мемонад ишқам,
Чу шеъри ошиқон мемонад ишқам.
Ба пирӣ дар дилам монанди дарё,
Хурӯшону ҷавон мемонад ишқам.
****

Биё, дилро ба дил пайванд созем,
Ҷаҳонеро ба ҳам дилбанд созем.
Ба рағми заҳри нокомӣ азизам,
Биё, ки зиндагиро қанд созем.
****

Диламро мебарад гуфтори зебо,
Ду чашмони қашангу ҳам фиребо.
Чу Маҷнун аз ту дурам, Лайлии ман,
Ба қалби пурғаму уммеди зебо.
****

Хушбахт касе ки бо нигораш бошад,
Бо ёр будан шеъру шораш бошад.
Ҳар ҷо, ки равад ҳамраҳи ёраш бошад,
Валлаҳ, ки ҳама умр баҳораш бошад.
****

Дирӯз гузашту ин саҳар мегузарад,
Айёми ҷавонӣ бехабар мегузарад.
Аз олами бевафои ту рӯзи дигар.
Иброҳими дар роҳи сафар мегузарад.
****

Гули ман, бе ту рӯзам шом бошад,
Ҳазори қалби ман дар дом бошад.
Агар бошӣ ҳамеша рӯ ба рӯям,
Шарар бар дил, шакар бар ком бошад.
****

Аз кӯю диёри ишқ хезам, биравам,
Бо дарду бало ҳама ситезам, биравам.
Ин кӯзаи дил зи шеър лабрез шудаст,
Дар дафтари ошиқон бирезам, биравам.

****

Бо омадани баҳор дил вола кунед,
Ёди чаману сайри гули лола кунед.
Имрӯз баҳору навҷавонӣ ба шумост,
Фардо зи ғами пирии худ нола кунед.

****

Туӣ дар зиндагӣ болу пари ман,
Ту бошӣ соябоне бар сари ман.
Ту бошӣ гавҳари ноёби умрам,
Азизам, меҳрубонам, модари ман.

****

Камоли мо зи истиқлоли тоҷик,
Зи файзу нусрату иқболи тоҷик.
Намоям шукри сулҳи кишвари худ,
Ба ҳар гулхандаи атфоли тоҷик.

****

Куҷоӣ, ишқи новарзидаи ман,
Куҷоӣ, ғунчаи хандидаи ман.
Баҳор асту зи гулзори муҳаббат,
Намоён шав, гули ночидаи ман.

****

Парад мурғи хаёлам сӯи модар,
Намояд пеши чашмам рӯи модар.
Дилам гум мезанад, хоҳам, ки як дам
Намоям такя дар зонӯи модар.

****

Мо нахли ҷавонему хазон мегардем.
Чун бехабарон рӯи ҷаҳон мегардем.
Бо қуввати бозуву тавоноии хеш,
Дар чанги аҷал чи нотавон мегардем.

****

Дар ин дунё даме шодӣ надидам,
Зи савдои ғам озодӣ надидам.
Раҳораҳ дар раҳи умри азизам,
Зи осори ғам ободӣ надидам.

****

Деҳқон

Умраш ба каҳу дону хазон мегузарад,
Ҳангоми дарав ӯ зи ҷаҳон мегузарад.
Номаш ба накӯӣ бурда то Коҳкашон
Аз кӯчаи умр каҳкашон мегузарад.



ДИЛПОРАҲО

РОҲПО

Дарвозаҳои дилро бо меҳр мекушоям,
Аз сина занги ғамро бо шеър мезудоям.
Боз о, ки интизорам дар роҳи омаданҳот,
Дар роҳи рафтаи ту имрӯз роҳпоям.

ОЗОД

Ватанам, эй ватани ободам,
З-он, ки фарзанди туям дилшодам.
Васфи ту гӯяму озодии хеш,
Булбулам, беқафасам, озодам.

АШК

Намнами борон ба кӯҳу ёла рехт,
Ашки шабнам рӯи барги лола рехт.
З-абри ғамҳоям чу борони баҳор,
Ашки ман бо раъди оҳу нола рехт.

ОСОР

Аз бадон рӯи сафҳаҳои дил,
Нақши доғи сиёҳ мемонад.
Аз накӯёну некандешон,
Чаману боғу роҳ мемонад.

ШУКР

Ба айёми ҷавонӣ шукр мегӯям,
Барои ёри ҷонӣ шукр мегӯям.
Агарчӣ ранҷҳое дидаам як умр ,
Барои зиндагонӣ шукр мегӯям.

БЕ ТУ

Дур аз ту гар равам ғам бар суроғам меравад,
Гӯиё сели сиёҳе рӯи боғам меравад.

Дур аз оғӯши гарми ман равӣ ай моҳрӯ,
Дар шаби торик нури шабчароғам меравад.

ҲАДЯ

Ишқ меояд зи роҳи пурфасона,
Аз диёри пок бо шеъру тарона.
Бар дили пурорзую пурумедам,
Чун атое аз Худованди ягона.

СОЯБОН

Раҳнамову раҳбарам бошад падар,
Қиблагоҳу сарварам бошад падар.
Гавҳари ноёби ман дар зиндагӣ,
Соябоне бар сарам бошад падар.

ПАРЧАМ

Парчами мо дар ҳаво пар-пар занад,
Қалби мо дар синаи кишвар занад.
Бо кабӯтарҳои сулҳи кишварам,
Мурғи дил дар сина болу пар занад.

ҲУШДОР

Айёми саҳар расид, хезед,
Аз Шарқ шафақ дамид, хезед.
Хуршед баромадасту ахтар,
Чодар ба сараш кашид, хезед!

СУРОҒ

Рафтиву ёдат суроғам омадаст,
Ғам ба қалби доғ-доғам омадаст.
Аз ҷудоии ту дар фасли баҳор,
Тирамаҳ бар нахли боғам омадаст.

АНДЕША

Охир бибарад моро ин марги ҷафопеша,
Хоҳад биканад моро аз появу аз реша.

Фарзанду ниҳоли мо мерос зи мо монад,
Ин аст ҷаҳони мо, бинмой ту андеша.

ДАРД

Оташи пурсӯзи ишқат сард шуд,
Сабзаҳои махмалинат зард шуд.
Бо хумори навбаҳори ошиқӣ,
Шодии дилҳо саропо дард шуд.

ПАЙРОҲА

Боз ҳам парвоз мехоҳад дилам,
Аз само овоз мехоҳад дилам.
Баҳри шеъру шоирӣ пайроҳае,
Бар ҷаҳони роз мехоҳад дилам.

ДАСТИ САПЕДА

Дарвозаҳои шабро дасти сапеда бикшод,
Он нозанини ман ҳам аз хоб дида бикшод.
Болои бистари худ ин дафтари маро дид,
Ҳар як саҳифаашро дар худ тапида, бикшод.

МАЗРАИ ИШҚ

Ишқи ту чун хандаи барқи баҳор,
Осмони синаам равшан кунад.
Абри боронии меҳри поки ту,
Мазраи ишқи маро гулшан кунад.

САМОИ ОШИҚӢ

Дар зери баҳр донаи гавҳар надидаӣ,
Ишқи ману нигор ба дафтар надидаӣ.
Эй дӯст, ин нигоҳи пур аз меҳри ту зи чист?
Ё дар самои ошиқӣ ахтар надидаӣ?!

СОАТ

Медавӣ ту чун саманди бодпой,
Шарфаи поят ба гӯшам мерасад.
Қалби ман асбоби суръатсанҷи ту,
Бо садои ту баробар метапад.

ЁР МЕОЯД

Сапедадам ва ба хобам нигор меояд,
Бирав, хазони дили ман, баҳор меояд.
Садои ғайб биомад ба гӯш, мегӯяд:
«Бихез, ошиқи шайдо, ки ёр меояд!»

АХГАР

Ишқ дунёи пур аз шӯру шар аст,
Як самои пур зи моҳу ахтар аст.
Достони ишқ мегӯяд касе,
К-ӯ саропо оташ асту ахгар аст.

ГИРЕБОНДӮЗ

Шоми ҳиҷрони ҷудоӣ бо азобе рӯз шуд,
Дар танури синаам дил оташи пурсӯз шуд.
Чок кардам ман гиребони ғамамро бо алам,
Ёдҳои ту ғами моро гиребондӯз шуд.

ХОНО

Дилпора –чакомаи муҳаббатҳоям,
Ҳар кас, ки кушод дафтари ман, хонад
Ин шоириҳову шеъри ғамноки маро
Аз дарду зи чашмони тари ман донад.

ГУЗАР

Аз кӯҳу саҳро бигзарам,
Аз дашти паҳно бигзарам.
Бо ёди ту рӯзи дигар,
Аз роҳи дунё бигзарам.

БАЁЗ

Ҳури биҳиштии манӣ, олами рози ман туӣ,
Гавҳари дидагони ман, дидаи бози ман туӣ.
Бо ту гузашт умри ман, буду набуди ман туӣ,
Дафтари хотироти ман, ҷунгу баёзи ман туӣ.

АРЧА

Сабзбару сабзҷон,
Зеби гулистон туӣ!
Дар вараҡи фаслҳо
Мӯҳри баҳорон туӣ!

ФАРЁД

Оҳ, дардо, ҳар гаҳе, ки мерасӣ бар ёди ман,
Нола мехезад зи ҡалби пурғаму ношоди ман.
Бар фалак гуфтам: «Чаро кардӣ маро аз ӯ ҷудо?»
Пахта мемонад фалак бар гӯш аз фарёди ман.

БОЗГАШТ

Ин ҷаҳон мазрааи санҷиши мо хоҳад буд,
Гар дусад сол зиӣ боз фано хоҳад буд.
Эй азизони ман, имрӯз ибодат бикунед,
Бозгашти ҳама бар сӯи Худо хоҳад буд[4].

[4] Маъни аз ҳадиси Расули Акрам (с)


ФАРДҲО

Ба дунё омадам яктои-якто
Ва танҳо меравам бар назди Якто.
***

Ману ту як китоби нанвишта
Ману ту торҳои як ришта.
***

Зиндагӣ пайроҳаи марг аст,
Шабнаме дар рӯи гулбарг аст.
***

Бо рафтанат баҳори дили ман хазон шудаст,
Ғамҳои пирсоли ман аз нав ҷавон шудаст.
***

Дар осмони тираи танҳоӣ
Чун абр бо хаёли ту мепечам.
***

Дар кӯзаи дил гули муҳаббат монед,
То хонаи ишқ пуртароват бошад.
***

Эй, ҳанӯз нодида, то ту чун тавонам рафт,
Роҳҳо напаймуда, то ту чун тавонам рафт.
***

Зиндагӣ зебо набошад гуфтаму рафтам ба боғ,
Беди маҷнун бар сарам дасти навозиш мекашад.
***

Модари муштипарам, тоҷи сарам,
Бе ту гӯё, ки даруни сақарам.
***

Баҳор мерасаду хониши ҳазор куҷост?
Ҳама хамӯш, аё дӯстон баҳор куҷост?
***

Қалби ман дарёи хунин, ҷони ман,
Ҷӯйҳо шохобҳо шарёни ман.

***

Одамӣ эй, кош ҳамчун шохи ток,
Ҳар баҳорон сар бибардорад зи хок.

***

МУНДАРИҶА

Бо орзуи камол 3

Тавлиди субҳ.....5

Дарёи хаёл 25

Дилпораҳо 31

Фардҳо.....37

Ба чоп 22.04.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет.
Ҷузъи чопӣ 2. Адади нашр 100 нусха

ҶДММ «Балоғат», ш.Душанбе, х.Рудакӣ 55/1.